**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Лайламои Худойназар дар мавзуи «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) пешниҳод гардидааст.**

Шинохти дурусту мушаххас ва муайяну муқаррар кардани мақом ва ҷойгоҳи суханварон ҳангоме муяссар мегардад, ки фаъолияти эҷодӣ, замони зиндагӣ, ҳавзаву муҳити адабӣ, ҷанбаҳои ҳунарию зебоишинохтӣ, сабку услуб ва дигар паҳлуҳои эҷодии онҳо ҳамаҷониба ба доираи таҳқиқ кашида шаванд. Агар аз ҳамин дидгоҳ ба таҳқиқоти Лайламои Худойназар дар мавзуи **«Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар»** баҳогузорӣ намоем, метавон гуфт, ки он ба яке аз масоили муҳим ва дастнохӯрдае дар адабиётшиносии муосир бахшида шуда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) комилан мувофиқат менамояд.

Тавре аз мундариҷаи автореферат бармеояд, таълифот аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва номгӯи интишорот дар мавзуи таҳқиқ иборат буда, дар ҳама қисматҳои он масъалагузориҳои дақиқ, шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳсҳои илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи кор мубрамии мавзуи пажӯҳиш, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ нишон дода шуда, тавсифи умумии таҳқиқ мувофиқ ба меъёрҳои марбут ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ таҳия гардида, ҳама он чи, ки талаботу муқарраротти расмӣ роҷеъ ба ин самти кори илмӣ тақозо менамояд, сарфи назар нагардидааст.

Боби якуми диссертатсия **«Ҳаёт ва эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар»** унвон гирифта, аз чор фасл таркиб ёфтааст. Дар фаслу зерфаслҳои боби мазкур роҷеъ ба зиндагинома ва ҷузъиёти рӯзгори шоир, марҳила ва омилҳои асосии ташаккулу такомули маҳорати эҷодӣ, анвои эҷод, маҷмуаҳои манзуму мансур, мавзуъ, мазмуну мундариҷа ва жанрҳои маъмули эҷодиёт, тасвирсозӣ ва воситаҳои баёни бадеӣ дар коргоҳи хаёли адиб сухан рафта, андешаҳои муаллиф бо истинод аз манобеъ ва осори адиб мубарҳану асоснок ифода гардидаанд.

Дар боби дуюми таҳқиқ - **«Назми бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар»** ва фаслҳои марбути он муаллиф роҷеъ ба мухтассоти сабкӣ ва услубии шеърҳои бачагонаи шоир, хусусияти тарбиявӣ ва маърифатбахшии онҳо, мухтассоти шаклӣ ва мазмунии чистону тезгӯякҳои Ғаффоралӣ Сафар баҳс ба миён

оварда, бо далелҳои муътамад собит месозад, ки мундариҷа, фасоҳат ва баёни бадеии ашъори бачагонаи шоир ҷолиби диққат буда, баҳри такмили зиракию ҳушёрӣ ва тарбияи ахлоқии насли наврас мусоидат менамоянд.

**«Мавқеи ҳаҷву мутоиба дар эҷодиёти Ғаффоралӣ Сафар»** номи боби охири таҳқиқ буда, аз ду фасл ва чор зерфасл иборат мебошад. Дар ҳама фаслу зерфаслҳои ин боб масъалаҳое перомуни вижагиҳои осори ҳаҷвии адиб, ҷойгоҳи қолабҳои манзуму мансури ҳаҷвӣ дар эҷодиёти ӯ, мавзуъ, мундариҷа ва ҳадафи эҷод, ҷилваҳои ҳунарӣ ва истеъдоди ҳаҷвнависии Ғаффоралӣ Сафар ба таври дақиқу муфассал мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифта, ба ин васила маҳорати эҷодӣ ва дар маҷмуъ, мақоми ӯ дар адабиёти муосири тоҷик, ба таври мушаххас таъйин гардидааст.

Тавре мушоҳида менамоем, хулосаи кори Лайламои Худойназар фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 20 банди алоҳида оварда шудаанд. Дар охири ҳар банд ба мақолаи марбут ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ истинод гардидааст.

Дар баробари дастоварду муваффақиятҳои фаровони илмӣ дар таҳқиқ баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти тавфиқи корҳои минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Бо он ки диссертант ашъори бачагонаро аз қисматҳои арзишманди осори Ғаффоралӣ Сафар медонад, барои муаррифии фаслу бобҳои он дар автореферат таваҷҷуҳи камтар зоҳир намудааст.

2. Боби сеюми кор ба осори ҳаҷвии Ғаффоралӣ Сафар ихтисос дода шуда, маълум мегардад, ки адиб ҳам дар қолби назм ва ҳам дар қолаби наср ҳаҷвияҳо офаридааст. Ба андешаи мо, беҳтар мебуд, ки муҳаққиқ ба таври оморӣ маълум менамуд, ки дар иншои ҳаҷв муаллиф бештар ба кадоми қолаби сухан, яъне назм ё наср, тамоюл зоҳир намуда, барои ифодаи баёни ҳаҷвӣ ва андешаҳои гуногуни ӯ кадом қолаби сухан бештар мусоидат намудааст.

3. Бо он ки автореферат бо риояи меъёрҳои забони адабӣ ва қавоиди грамматика таълиф ёфтааст, дар саҳифаҳои алоҳидаи он баъзе ғалатҳои имлоӣ ва китобат роҳ ёфтаанд.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, осонислоҳ мебошанд ва ҳангоми нашри монография ба назар гирифтани онҳо боиси боло рафтани арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Лайламои Худойназар мегардад.

Дар маҷмуъ, аз таҳлили автореферат маълум мешавад, ки диссертатсияи **Лайламои Худойназар** дар мавзуи **«Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ғаффоралӣ Сафар»** ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) мебошад.

Муқарриз,
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода: Салими Хатлонӣ
«15» январи соли 2026.

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Муҳаммадиев 36, ҳ.21.
Тел.: (+992) 88-300-11-54
E-mail: s_khatloni@mail.ru

Имзои Салими Хатлониро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотими Улуғзода: Юсупова Б.Ғ.

Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.
Тел.: 372325000; факс: +992 372325003; сомона: www.dbz.tj

«15» январи соли 2026.